# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

Дар бораи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо иҷозат дода мешавад

Мутобиқи моддаи 216 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад, тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият, барои амалигардонии қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти автоматикунонии равандҳои истеҳсолот ва беҳтар гардидани шароити меҳнат, бо мақсади дастрасии васеи занон ба касбҳои дахлдор ва зиёд намудани даромаднокӣ, барои минбаъд низ кам кардани Рӯйхати мазкур чораҳои дахлдор андешад.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, № 179 "Дар бораи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 30 декабри соли 2023, № 568

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2023, №568

**Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад**

## 1. КОРҲОЕ, КИ БА ДАСТӢ БАРДОШТАНУ КАШОНИДАНИ БОРҲОИ ВАЗНИН АЛОҚАМАНД МЕБОШАНД

1. Корҳое, ки бо даст бардоштан ва кашонидани борҳои вазнин барои занон дар ҳолати аз меъёрҳои муқарраргардидаи ҳадди ниҳоӣ зиёд будани сарборӣ вобастаанд.

## 2. КОРҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

2. Дар ҳама намудҳои корҳои зеризаминӣ, дар саноати истихроҷи маъдан ва дар сохтмони иншооти зеризаминӣ ҳама гуна истифодаи меҳнати занон манъ аст.

## 3. КОРКАРДИ ФИЛИЗ

### § 1. Корҳои рехтагарӣ

3. Кӯрагар.

4. Хориҷкунандаи афшонгари рехтаҳо.

5. Резандаи гудоза ба кӯра ва оташдон, ки ба барандозии дастии гудозиш машғул аст.

6. Кафшергари рехтаҳо бо чӯяни моеъ.

7. Рехтагари филиз.

8. Порагар, ки бо асбоби пневматикӣ кор мекунад.

9. Гудозгари филизот ва хӯлаҳо.

10. Коргароне, ки ба овезон кардани рехтаи тафсон дар конвейер, хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизот дар нақбҳои коргоҳҳои рехтагарӣ машғуланд.

### § 2. Корҳои кафшергарӣ

11. Кафшергари газӣ ва кафшергари барқии кафшери дастӣ, ки дар зарфҳои пӯшида (систернаҳо, дегҳо ва ѓайра), инчунин дар иншооти алоқа (манораҳо)-и баландиашон зиёда аз 10 метр ва корҳои дар баландӣ иҷрошаванда кор мекунанд.

**§ 3. Кор бо дегҳои гармидиҳӣ, сардқолибзанӣ, кашишгарӣ ва фишороварӣ**

12. Оташмони дегҳои буѓӣ.

13. Харроти дастгоҳҳои харротию фишороварӣ, ки корҳоро дастӣ анҷом медиҳад.

**§ 4. Корҳои оҳангарию прессӣ ва термикӣ**

14. Чанбаракбон (бандажгар), ки дар корҳои тафсон кор мекунад.

15. Фанаргар, ки ба тоб додани симҳои тафсони қутрашон аз 10 мм зиёд машѓул аст.

16. Тунуккунанда, ки ба тунук кардани ҳалқаҳои тафсон машѓул аст.

**§ 5. Сирдавонӣ**

17. Ҳавоногузар (герметизатсия) кардани даруни кессон-бакҳо.

18. Кори доимӣ барои сурбикунонӣ бо усули тафсон (ѓайригалванӣ).

**§ 6. Корҳои челонгарӣ ва челонгарию васлгарӣ**

19. Пармагар-пневматикчӣ, ки бо асбоби пневматикии ба дасти корманд ларзиш гузаронанда (вибратсиядиҳанда) кор мекунад.

**§ 7. Челонгар-тармимгар**

20. Насбу танзими таҷҳизот дар коргоҳҳо ва қисмҳо.

21. Таъмири тафсони дастгоҳҳо (таҷҳизот)-и селенӣ.

22. Танзими таҷҳизот дар коргоҳҳо ва қисмҳои тайёркунӣ ва истифода кардани лакҳои силитсию органикӣ ва лакҳое, ки дар таркибашон 40 дарсад ва зиёд толуол, ксилола доранд.

23. Таъмири таҷҳизот дар анборҳои пӯшидаи сӯзишворӣ ва нафтии истгоҳҳои гармидиҳӣ, инчунин таъмири таҷҳизот дар нақбҳо ва камераҳои таъминоти гармӣ дар шабакаҳои гармидиҳӣ.

24. Танзим ва таъмири қолибҳои рехтагарӣ дар ҳолати тафсон.

### § 8. Корҳо бо сурб

25. Гудохтабарорӣ, рехтагарӣ, варақасозӣ ва қолибгарии маснуоти сурбӣ, инчунин сурбикунонии ноқилҳо ва лаҳимкории аккумуляторҳои сурбӣ.

## 4. КОРҲОИ СОХТМОНӢ, ВАСЛГАРӢ ВА ТАЪМИР

26. Таъмири кӯраҳои тафсон ва дегтафсонҳо.

27. Васл кардани тарҳ (конструксияҳо) ва ҷузъҳо бо истифодаи таппончаи васлгарӣ.

28. Корҳои шикастани тахтасангҳо, ба қисмҳо ҷудо кардани биноҳо ва иншоотҳо.

29. Бо кори дастӣ сӯрох кардани тарқишҳо дар тарҳҳои бетонӣ, оҳану бетонӣ ва сангин (хиштӣ) ва бо истифодаи асбоби пневматикӣ.

30. Асфалтубетонгар, асфалтубетонгар-васлгар, ки бо кори дастӣ машљул аст.

31. Заминкоб - нақбкан.

32. Устои бомпӯшҳои пӯлодӣ.

33. Кессонгар-дастгоҳсоз, кессонгар-нақбкан, кессонгар-челонгар, кессонгар-васлгари барқӣ.

34. Мошинисти дастгоҳи сайёри кафшери барқии дорои муҳаррики дарунсӯз.

35. Мошинисти истгоҳи барқии сайёри дорои муҳаррики дарунсӯзи иқтидораш 150 қувваи асп ва зиёда аз он.

36. Васлгари олот (конструксия)-и пӯлодӣ ва оҳану бетонӣ, ки дар баландӣ кор мекунад.

37. Лаҳимкори сурб.

38. Наҷҷор.

39. Челонгар-сантехник, ки ба таъмири шабакаи канализатсионӣ машљул аст.

40. Лӯлапайчини лӯлаҳои саноатии оҳану бетонӣ.

41. Лӯлапайчини лӯлаҳои саноатии хиштӣ.

## 5. КОРҲОИ КӮҲӢ

**§ 1. Корҳои кушодаи кӯҳӣ ва рӯизаминии конҳои амалкунанда, сохташудаистода ва маъдантозакунӣ, агломератсия ва брикетсозӣ**

42. Пармагари рахнаҳо (шпур).

43. Кӯҳкан оид ба пешгирӣ ва оташнишонӣ.

44. Тиргакмон.

45. Оҳангар - ҷойкунандаи парма.

46. Теладиҳандае, ки вагончаҳоро дастӣ тела карда меорад ва мебарад.

47. Кӯҳкан.

48. Челонгари барқӣ (челонгар), навбатдори таъмири таҷҳизот, ки бо хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизот, механизмҳо, магистралҳои обӣ ва ҳавоӣ дар истихроҷи кӯҳӣ машғул аст.

49. Хумдонбон, ки бо ҷараёни гудохтани ашёи хом ва мавод дар истеҳсолоти симоб машғул аст.

50. Коргарон ва устоҳои корхонаҳо (фабрикаҳо)-и тозакунӣ, майдакунӣ ва ба навъҳо ҷудокунии маъданҳо, конҳо ва корхонаҳои металлургӣ, ки ба корҳои майдакунӣ, хокакунӣ ва гудохтани маъданҳои сиёҳ, ранга ва нодир машғуланд.

51. Коргароне, ки дар коргоҳҳои тозакунии сурб машғуланд.

52. Коргарон ва устоҳо, ки ба тозакунии маъданҳои гурӯҳи ниобигӣ (лопарҳо) машғуланд.

**§ 2. Сохтмони нақб ва иншооти зеризаминии таъиноти махсус**

53. Кӯҳкани корҳои рӯйизаминӣ.

**§ 3. Корҳои иктишофию геологӣ ва топографию геодезӣ**

54. Челонгари барқӣ (челонгар), навбатдори таъмири таҷҳизот дар шароити саҳроӣ.

**6. ПАРМАКУНИИ ЧОҲҲО**

55. Пармагари истифодабарӣ ва разведкаи пармаи чоҳҳои нафту газ

56. Васлгари манора, васлгар-кафшергари манора, васлгарбарқпайвасткунандаи манора.

57. Исканҷагари лӯла.

58. Ёвари пармагари пармаи баҳрабардорӣ ва иктишофи чоҳҳои нафту газ (якум).

59. Ёвари пармагари пармаи баҳрабардорӣ ва иктишофи чоҳҳои нафту газ (дуюм).

60. Омодагари маҳлули пармакорӣ, ки ба тайёрикунии маҳлул дастӣ машғул аст.

61. Челонгар оид ба хизматрасонии дастгоҳҳои пармакорӣ.

62. Челонгар-таъмиргар, ки бо таъмири таҷҳизоти пармакунӣ машғул аст.

63. Ҷойгузори қулфҳои пармакунӣ.

64. Монтёри барқ оид ба хизматрасонии пармакорӣ.

## 7. ИСТИХРОҶИ НАФТ ВА ГАЗ

65. Пармагари таъмири асосии чоҳҳо.

66. Мошинисти дастгоҳи сайёри буғии холисгардонӣ аз парафин.

67. Мошинисти компрессори сайёр.

68. Мошинисти дастгоҳи болобардорӣ.

69. Мошинисти агрегати шустагарӣ.

70. Ёвари пармагари таъмири асосии чоҳҳо.

71 Коргарон, роҳбарон ва мутахассисон, ки мунтазам ба истихроҷи зеризаминии нафт машғуланд.

72. Челонгар-таъмиргар, хизматрасонандаи таҷҳизоти технологӣ ва таъмири таҷҳизоти кони нафт.

73. Монтёри барқ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ.

## 8. ФИЛИЗГУДОЗИИ СИЁҲ

74. Дӯлбон, ки ба гудохтани филизот машғул аст.

75. Тафсонандаи филиз.

**§ 1. Истеҳсолоти кӯра (домнагӣ)**

76. Назоратгари болои кӯраи гудозиш.

77. Обгузарони қубури кӯраи гудозиш.

78. Кӯрагари кӯраи гудозиш.

**§ 2. Истеҳсолоти варақсозӣ (прокаткунӣ)**

79. Навардгари дастгоҳи гармварақасозӣ.

80. Пазандаи қатрони тафсон (пек).

81. Исканҷагар - пайвандгари гираи релс.

82. Челонгар-гузаронанда дар истеҳсолоти варақасозии навъӣ.

**§ 3. Истеҳсоли хӯлаи оҳан**

83. Кӯрагари хумдони хӯлаи оҳан.

84. Гудозгари хӯлаҳои ферритӣ.

85. Коргароне, ки бо гудохтабарории хӯлаҳои силитсий дар кӯраҳои камоншакли кушод машљуланд.

86. Коргароне, ки ба истеҳсоли хроми филизӣ ва хӯлаҳои хромдор ба тарзи арзизу термикӣ машљуланд.

**§ 4. Истеҳсолоти пӯлодгудозӣ**

87. Мошинисти дастгоҳи чаппагардонӣ.

88. Коргари омехтакунанда.

89. Қолибзани блок.

90. Кӯрагари барқароркунии оҳан ва бозпухти хокҳои оҳанӣ.

91. Тафсонгари туршиҳо.

92. Ёвари пӯлодгудози кӯраи мубаддал (конвертер).

93. Ёвари пӯлодгудози кӯраи мартенӣ.

94. Ёвари пӯлодгудози дастгоҳи гудозиши дажљоли барқӣ.

95. Ёвари пӯлодгудози кӯраи баркӣ.

96. Резандаи пӯлод.

97. Пӯлодгудози кӯраи мубаддал (конвертер).

98. Пӯлодгудози дастгоҳи гудозиши дадажљоли баркӣ.

99. Пӯлодгудози кӯраи баркӣ.

**§ 5. Истеҳсолоти баркию техникӣ**

100. Таҳшонгардонии симоб.

101. Қолибгари росткунакҳои симобӣ, ки корро бо симоби кушода анҷом медиҳад.

**§ 6. Истеҳсолоти кабелсозӣ**

102. Зеркунандаи кабел бо сурб ё арзиз, ки бо исканҷаи сурб бо усули тафсон кор мекунад.

**§ 7. Истеҳсолоти регандомҳо (абразивҳо)**

103. Ба мувозинат дароваранда - рехтагари сангҳои регандомӣ (абразивӣ), ки ба кори рехтани сурб ба маснуоти регандомӣ (абразивӣ) машљул аст.

104. Мошинисти булдозер, ки дар ҷудо кардани кӯраи муқовимати тафсон дар истеҳсоли регандомҳо (абразивҳо) машљул аст.

105. Гудозгари мавodди регандомӣ (абразивӣ).

106. Ба қисмҳо ҷудокунандаи кӯраи муқовимат, ки дар коргоҳи истеҳсоли карбиди силитсий машљул аст.

## 9. ФИЛИЗГУДОЗИИ РАНГА

107. Рехтагари анодҳо, ки дар рехтани қисмҳои танӯрии анодҳо дар истеҳсолоти арзиз, силумин ва силитсий машљул аст.

108. Васлгари таъмири ваннаҳо, ки дар парма кардани чоҳи меҳвари катодӣ дар истеҳсолоти арзиз, силумин ва силитсий машљул аст.

109. Гудозгар.

110. Тафсонанда.

111. Челонгар-таъмиргар дар коргоҳҳои асосии металлургӣ.

112. Гудозачаспон.

113. Гудозагар, ки дар истеҳсолоти қалъагӣ дар кӯраҳо машғул аст.

114. Анодгари истеҳсолоти арзиз.

115. Ҷудокунандаи изфанҷии титанӣ.

116. Рехтагар-қолибгари филизот.

117. Катодгар.

118. Назоратгарӣ кӯраи мубаддал (конверторгар).

119. Хозингар (кондесаторгар).

120. Васлгари дастгоҳҳои таҷзия (реаксия).

121. Шустагари симоб.

122. Кӯрагари истеҳсоли гарди руҳ.

123. Кӯрагари кӯраи варақасозӣ.

124. Кӯрагари барқарорсозӣ ва қатронгар (дистилятсия)-и титан ва филизоти нодир.

125. Кӯрагари барқарорсозии хокаи никел.

126. Кӯрагари коркарди моводди титандор ва нодири заминӣ.

127. Коре, ки варақасози филизи гарм иҷро мекунад.

128. Коре, ки коргарон ва устоҳо иҷро мекунанд.

129. Корҳои таъмирӣ, ки мошинисти боркунанда дар ҷойҳои душворгузар бо боркунандаҳои пневматикӣ ва гидравликӣ иҷро мекунад.

## 10. ТАЪМИРИ ТАҶҲИЗОТИ НЕРУГОҲҲО ВА ШАБАКАҲОИ БАРҚӢ

130. Васлгари барқ оид ба таъмири хатҳои ҳавоии интиқоли барқ.

131. Васлгари барқ оид ба таъмир ва васли хатҳои кабелӣ.

## 11. ИСТЕҲСОЛОТИ КИМИЁӢ

132. Истеҳсоли карбиди калсий.

133. Коргарон, роҳбарони баст ва мутахассисоне, ки дар майдакунии карбид дар кӯраҳо дастӣ машғуланд.

134. Коргарон, роҳбарон ва мутахассисоне, ки дар марҳалаҳои технологӣ машғуланд.

135. Назоратгари таҷҳизоти полоиш, ки ба қисмҳо ҷудо ва васл кардани исканҷаполоҳои андозаи чорчӯбаашон зиёда аз 500 мм ба таври дастӣ машғул аст.

## 12. КОРКАРДИ НАФТ, ГАЗ, ВАРАҚСАНГ (СЛАНЕТС) ВА АНГИШТ, КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ НАФТИИ СИНТЕТИКӢ, РАВҒАНҲО ВА ЧАРБҲОИ НАФТӢ

136. Тозакунандаи кокс.

137. Фарорандаи кокс.

138. Коргарон, роҳбарони баст ва мутахассисоне, ки дар гузоштани таҷҳизотҳои технологияи этилкунонии бензин машғуланд.

## 13. ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ

139. Корҳое, ки коргарон дар тозакунии ҳавзҳои тагшин ва чилчӯб иҷро мекунанд.

## 14. КОРКАРДИ САНГ ВА ИСТЕҲСОЛИ МОЛҲОИ РЕХТАГАРИИ САНГ

140. Рехтагари молҳои сангию рехтагарӣ.

141. Пазандаи санг.

142. Сангтарош.

143. Мошинисти осиё, ки ба поракунии шағали диабазӣ ба хока машғул аст.

144. Мураттиби таҷҳизоти коркарди санг.

145. Аррагари санг.

146. Пармагари санг.

## 15. ИСТЕҲСОЛИ МОЛҲОИ ОҲАНУ БЕТОНӢ ВА СОХТАҲО

147. Кори буррандаи молҳои бетонӣ ва оҳану бетонӣ.

## 16. САНОАТИ БОФАНДАГӢ ВА САБУК

148. Челонгар-сантехник, ки дар тозакунии насбҳои канализатсионӣ ва каналҳо машғул аст.

149. Бор кардан ва фаровардани маҳсулоти калони пӯсти хом ва масолеҳи нимтайёр ба устувонаҳои даббоғӣ, рангрезӣ ва равғандиҳӣ.

150. Кашондан, фаровардан ва бор кардани масолеҳи калони пӯсти хом ва масолеҳи нимтайёр ба устувонаҳои даббоғӣ, рангрезӣ ва равғандиҳӣ ба таври дастӣ дар заводҳои коркарди чарм.

## 17. САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

151. Назоратгари бахши пахшкунӣ, ки хизматрасонии пахшкунандаҳо (диффузорҳо)-и амалиёти давриро ҳангоми боркунӣ ба таври дастӣ анҷом медиҳад.

152. Омодакунандаи ангишти устухон.

153. Қассоб, ки ба амалҳои беҳуш кардан, овезон кардан, равондани хуни ҳайвоноти калону майдаи шохдор ва хукҳо, чок кардани узвҳои дарунӣ, ҷудо кардани пӯсти ҳайвони калони шохдор ба тарзи дастӣ, қисмкунии нимтаа, сӯзондан ва ҷӯшондани нимтаи хукҳо ва каллапоча, коркарди нимтаҳои ҳайвони калони шохдор бо тарзи хобонда, машғул аст.

154. Коре, ки хамиргар дар дастгоҳи корсонҳои хамирмолии ғунҷоишашон зиёда аз 330 литр иҷро мекунад.

155. Омодасози ҳавзҳо.

156. Коргари сайёр дар кӯли намак.

## 18. НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН

157. Аккумуляторсоз, ки ба таъмири аккумуляторҳои сурбӣ машғул аст.

158. Ронандаи дрезина ва ёвари он, ки дар хатҳои роҳи оҳани паҳнбар кор мекунанд.

159. Алавгари паровоз дар депо.

160. Мошинисти қатораи дизелӣ ва ёвари он.

161. Ронандаи мотовоз ва ёвари он, ки дар хатҳои роҳи оҳани паҳнбар кор мекунанд.

162. Мошинисти паровоз ва ёвари он.

163. Мошинисти локомотиви дизелӣ ва ёвари он.

164. Мошинисти дастгоҳи кашиш ва ёвари он.

165. Мошинисти локомотиви барқӣ ва ёвари он.

166. Мошинисти қатораи барқӣ ва ёвари он.

167. Ҳаммол, ки бо гузаронидани борҳо аз ҷойе ба ҷойе ва бори дастӣ аз ҷойе ба ҷойе машғул аст.

168. Назоратчӣ - таъмиргари локомотивҳо.

169. Сурохгар - боддиҳандаи лӯла.

170. Челонгар оид ба таъмири қатора, ки корҳои зеринро иҷро мекунад: таъмири гарнитур дар паровозҳо ҳангоми шустушӯйии онҳо ба қисмҳо ҷудо кардан, таъмир ва васл кардани асбобҳо (дастгоҳҳо) ва сарпӯшҳои муҳофизатӣ.

171. Монтёри барқ оид ба шабакаи васл.

172. Боркаши партовҳои сангпахта, ки мунтазам дар ҳавзи партовҳои сангпахта машғул аст.

## 19. НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

173. Челонгар оид ба таъмири автомобил, ки ба таври дастӣ шустани қисмҳои муҳаррики автомобилеро, ки бо бензини этилӣ кор мекунад, иҷро менамояд.

174. Челонгар оид ба таъмири автомобиле, ки бо санҷиши муҳаррики истифодаи бензини этилӣ машғул аст.

175. Челонгари дастгоҳҳои сӯзишворӣ, ки дар хоҷагиҳои автомобилӣ машғули таъмири таҷҳизоти сӯзишвории двигатели карбюратордори бо бензини этилӣ коркунанда мебошад.

176. Асфалтубетонгар, асфалтубетонгар-васлгар, ки бо кори дастӣ машғул аст

177. Заминкан - кӯҳкан.

178. Мошинисти хобондани асфалту бетон.

179. Кӯҳкан.

180. Васлгари таҷҳизоти кӯҳканӣ.

181. Кӯҳкани корҳои рӯйизаминӣ.

## 20. ҲАВОПАЙМОИИ МУЛКӢ

182. Механики ҳавопаймо (техник) оид ба планеру муҳаррикҳо, механики ҳавопаймо (техник) оид ба асбоб ва таҷҳизоти барқӣ, механики ҳавопаймо (техник) оид ба таҷҳизоти радио, техники ҳавопаймо (механик) оид ба парашут ва воситаҳои садамавию наҷотбахш, техники ҳавопаймо оид ба маводди сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, муҳандис, ки бевосита ба хизматрасонии техникии ҳавопаймо (чархбол) машғул аст.

183. Коргароне, ки ба тайёркунии битум ва таъмири хатҳои парвозу фуруд ва роҳи гардондан (мумфарш кардани роҳҳо) дар фурудгоҳҳо машғуланд.

## 21. КИШОВАРЗӢ

184. Иҷро намудани амалиёт дар растанипарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ ва парвариши ҳайвоноти ваҳшӣ бо истифодаи доруҳои заҳролуд, пеститсидҳо ва воситаҳои тамиз (то синни 35).

185. Хизматрасонии барзаговҳои наслдеҳ, аспҳои наслдеҳ ва нархукҳо.

186. Бор кардан ва фаровардани ҷасади ҳайвонот, маводди мусодиравӣ ва патологӣ.

187. Ҷудо намудани пӯст аз ҷасадҳои гов, аспҳо ва реза намудани нимта.

188. Боркашонӣ, бор кардан ва борфурории доруҳои заҳрдор.

189. Ҷойкунандаи лӯлаҳои заҳбур бо таври дастӣ.

## 22. КОРҲОЕ, КИ ДАР СОҲАҲОИ ГУНОГУНИ ИҚТИСОДИЁТ ИҶРО МЕШАВАНД

190. Бевосита хомӯш кардани сӯхтор.

191. Газнаҷотдиҳанда.

192. Ба меъёрдорорандаи симоб, ки ба таври дастӣ ба муайян кардани меъёри симоби кушода машғул мебошад.

193. Кӯфтагари қатрон (пек).

194. Челонгари корҳои садамавию барқарорсозӣ, ки ба тоза кардани шабакаҳои канализатсионӣ машљул аст.

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 декабри соли 2023, №568

**Ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо иҷозат дода мешавад**

| р/т | Миқдори умумии вазни боре, ки дар давоми ҳар як соати рӯзи корӣ (баст) интиқол дода мешавад, набояд зиёд бошад: | Ҳадди имконпазири вазни бор, кг |
|---|---|---|
| 1. | Аз сатҳи миз (ҷой)-и корӣ | 350 |
| 2. | Аз сатҳи фарш | 157 |
| 3. | Якбора бардоштани вазнҳо (бе ҳаракат ва ҷойивазкунӣ) | 15 |